# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Масъалаи ислоҳоти аморати Бухоро ва ислоҳи нуқсу иллатҳои кишвар дар охири асри XIX - ибидои асри XX дар фаъолият ва осори маорифпарварону ҷадидони тоҷик мақоми махсус дорад. Тафаккур ва диди ислоҳотгаронаи Аҳмади Донишу пайравонаш дар симои намояндагони фаъоли ҷадидия, ба монанди Садриддин Айнӣ ва Абдурауфи Фитрат пеш аз ҳама ҳангоми таҳқиқу баррасии мероси адабӣ ва осори фалсафии онҳо возеҳу равшан мегардад. Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи таҳлили муқоисавии дидгоҳи Аҳмади Дониш ва ҷадидону ҷавонбухориён роҷеъ ба масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро имрӯз аҳаммияти вижа касб намудааст. Бо вуҷуди баррасӣ шудани як қатор ҷанбаҳои он аз ҷониби адабиётшиносону муаррихон ва файласуфон, то ҳол дар ин мавзуи муҳимму мубрам таҳқиқоти ҷудогона анҷом дода нашудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» мубраму актуалӣ буда, ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихи фалсафа бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи ин таҳқиқот ҳамзамон аз талаботи инкишофи илми фалсафа дар замони муосир бармеояд. Тавре ки аз автореферати диссертатсия маълум гашт, таҳқиқоти мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Муаллиф мубрамии мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуи илмии хешро нишон дода, ҳамзамон мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илми ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро хеле хуб ба риштаи тавсифу таҳқиқ кашидааст.

Пойгоҳи манбавии таҳқиқотр сарчашмаҳои муҳим ва боэътимод, пеш аз ҳама осори таърихию фалсафии Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони Манғития», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Меъёру-т-тадайюн» ва асарҳои ҳамасрони ӯ ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқи рисолаи мазкур С.Д. Раҳмонов пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои илмӣ-мантиқӣ диққати махсус дода, дар рафти таҳқиқот риояи истифодаи усулҳои таърихӣ, диалектикӣ, муқоисавӣ, аксиологӣ ва интиқодиро роҳандозӣ намудааст.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, осори олимону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ҷиҳати таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни афкори сиёсӣ-иҷтимоии Аҳмади Дониш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии таҳқиқот ҷамъбаст ва пешниҳоду тавсияҳои муаллиф оварда шудаанд.

Мазмуну муҳтавои автореферати диссертатсия дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф, ки дар рӯйхати интишороти илмии довталаб иборат аз 10 номгӯй омадааст, пурра инъикоси худро ёфтааст.

Дар автореферати тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Ба андешаи мо, дар автореферати диссертатсия фаъолияти ислоҳотгаронаи ҷадидон дар аморати Бухоро, ҳатто зикри номи ягон нафар ходими намоёни ҷадидия аз мадди назари муаллиф дур мондааст. Танҳо дар саҳ. 17-уми автореферат муаллиф чунин иброз менамояд, ки "дар паҳн кардани андешаҳои ғояҳои маорифпарварона Аҳмади Дониш, Шариф Махдуми Муътасим, Исо Махдум, Шамсиддини Шоҳин, Абдулмаҷиди Зуфунун, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Мирзо Ҳаити Саҳбо, Мирзо Азими Сомӣ, Мирзо Сироҷ, Саид Аҳмад Сиддиқӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, С. Айнӣ ва дигарон саҳм доштаанд", яъне ғайриихтиёр дар қатори маорифпарварон се-чор нафар намояндаи ҷадидияро низ номбар мекунад;

2. Камина ба банди 6-уми нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифи диссертатсия дар хусуси он, ки "пайравони ҷадидия аз зумраи ислоҳталабони динӣ дар ниқоби панисломизм буда, миллатро ҳамчун уммат ва ватандӯстиро дар барқарор намудани низоми теократии "хилофат" мефаҳмиданд, аммо Аҳмади Дониш бо решаҳои аслии миллии таълимоти худ оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ аз ақидаҳоӣ ҷадидия бартарият дорад. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад" (саҳ. 11) розӣ шуда наметавонад. Аввалан, бояд таъкид намуд, ки дар фаъолият ва осори ягон нафар ҷадидони тоҷик мо таблиғи низоми теократии "хилофат" - ро намебинем. Сониян, ислоҳотхоҳии динии Аҳмади Дониш нисбат ба ҷадидон жарфтару чашмрас ба назар мерасад, чунончи, вақте ки аҳли замонааш ба хурофоту бидъат рӯ ниҳоданд, ӯ бо таълифи асараш "Меъёру-т- тадайюн" аввалин нафаре буд,

ки мехост дар шуур ва афкори динии замонаш як навъ тағйироту ислоҳе дароварад;

3. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Албатта, ин эроду камбудиҳое, ки зикр намудем, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва умедворем, ки минбаъд ҳангоми таҳияи асари монографӣ ба иҷобат гирифта мешаванд.

Умуман, рисолаи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро» дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ навишта шудааст ва ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои фалсафа,
муаллимаи калони кафедраи диншиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Калонзода.Ф.И.

**Суроға:** 734025, ш. Душанбе,
ноҳияи И. Сомонӣ, маҳалаи Буни Ҳисорак,
Шаҳраки донишҷӯён, бинои 15.
Тел.: (+992) 933327363
E-mail: kalonzodafaridun@gmail.ru

Имзои Калонзода Ф.И. – ро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш. Тавкиев

**Суроғаи муассиса**: 734025, ш. Душанбе,
ноҳияи И. Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Тел.: (+992-37) 227-55-13
Email: info@tnu.tj
“16” 06 соли 2025